*ТДУ 257*
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-178-123-128***

***САБАБҲО ВА ШАРОИТИ ПАЙДОИШИ РАФТОРҲОИ ИНҲИРОФӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН***

***Шохолиқзода Шаҳбози Шорозиқ,*** *унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумии МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ПРИЧИНЫ И УСЛОВИЯ ДЕВИАНТНОГО ПОВЕДЕНИЯ СРЕДИ МОЛОДЕЖИ***

***Шохоликзода Шахбози Шорозик,*** *соискатель кафедры общей педагогики ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

***CAUSES AND CONDITIONS OF DEVIANT BEHAVIOR AMONG YOUNG PEOPLE***

***Shoholikzoda Shahbozi Shorozik,*** *research worker of the Department of general pedagogy, SEI "KSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*, ***E-mail:****shahboz-0505@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *инҳироф, рафтори ғайримеъёрӣ, рафтори девиантӣ, шахси мунҳариф, ангезаҳои экстремистӣ, пешгирии инҳироф, манбаъҳои зуҳури рафтори девиантӣ*

*Дар мақолаи мавриди назар перомуни мафҳуми "инҳироф" ҳамчун истилоҳи илмӣ, сабабҳои пайдоиши рафторҳои инҳирофии насли наврас, масъалаи ошкор сохтани ангезаҳои рафтори инҳирофӣ ва роҳҳои пешгирии он аз нуқтаи назари олимони соҳа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин омилҳо, сабабҳо ва шароитҳое, ки боиси пайдоиши рафтори инҳирофӣ мебошанд, муайян ва тасниф карда шудааст.*

***Ключевые слова***: *девиантность, ненормативное поведение, девиантное поведение, экстремистские мотивы, профилактика девиантности, источники девиантного поведения*

*В статье расматривается понятие «девиантность» как научный термин, причины девиантного поведения подрастающего поколения, вопрос выявления мотивов девиантного поведения и способов его предотвращения с научной точки зрения. Также классифицируются факторы, причины и условия, которые приводят к возникновению девиантного поведения.*

***Keywords:*** *deviance, non-normative behavior, deviant behavior, extremist motives, prevention of deviance, sources of deviant behavior*

*The article under consideration dwells on the notion of "deviance" as a scientific term, the causes of deviant behavior of the younger generation, the issue of revealing the motives of deviant behavior and ways to prevent it from the point of view of the scientists of the field. Also, the factors, reasons and conditions that lead to the emergence of deviant behavior are classified.*

Дар ҷомеаи муосир рафтору ахлоқи насли наврас нигароникунанда маҳсуб шуда, рафторҳои номақбули насли наврасро, ки бар хилофи меъёрҳо ва қоидаҳои умумибашарӣ аст, метавон "тағйирёбанда", "девиантӣ" ё худ "инҳирофӣ" номид. Ин мафҳумҳо ба ҳамдигар муродиф, яъне синоним, ҳаммаъно буда, дар сотсиология рафтори "девиантӣ" ё худ "инҳирофӣ" ҳамчун рафтори аз меъёр ва ахлоқи умумиқабулшуда дуршуда баррасӣ карда мешавад. Шахси дорои рафтори инҳирофиро дар гузашта мунҳариф меномиданд ва дар ин бобат Ҷомӣ мегӯяд:

***Дод аз ин абалҳони гумроҳ, дод!***
***Мунҳариф аз тариқи ақлу садод.***

Мушкилоти рафтори инҳирофии насли наврас дар айни замон махсусан назаррас буда, баъзе шаклҳои рафтори инҳирофии наврасон барои афзоиши зуҳуроти экстремистӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст [2,с.45].

Бояд ба паҳншавии рафтори девиантии кӯдакони ноболиғ диққати махсус дод, зеро ин гурӯҳ аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ва бемуҳофизат аст. Фишори ҷамъиятӣ, фишори мактаб, оила, дӯстон метавонад ба рафтори онҳо таъсир расонад ва дар навбати худ, инҳирофи рафторӣ барои ҳам худи ноболиғ ва ҳам атрофиёни ӯ оқибатҳои манфӣ дорад, аз ин рӯ, саривақт ошкор кардани инҳирофи рафтори наврасон ва пешгирии ангезаҳои экстремистӣ самти муҳими фаъолияти омӯзгорон мебошад.

Омӯзгор бояд ба хубӣ дарк намояд ва дар фаъолияти худ ба назар гирад, ки чораҷӯии саривақтии пешгирикунанда бо кӯдакони мунҳариф гарави субот дар ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, муваффақият ва самаранокии чораҳои пешгирикунанда барои кор бо кӯдакони инҳирофёта бевосита аз омӯзиши дақиқи сабабҳои инҳироф аз меъёри иҷтимоӣ вобаста аст.

Муҳаққиқи рус А.А. Бакаева "меъёр" - ро ҳамчун натиҷаи тафаккури ҷамъиятӣ, менталитет, яъне урфу одат муайян мекунад, ки шароити бароҳати мавҷудиятро фароҳам меорад [4,с.304].

Ҳамин тавр "меъёр" - ро олими дигар Я. И. Гилинский чунин мешуморад, ки «...ин ченаки рафтор аст, ки марҳилаи тӯлонии эволютсиониро дар фаъолияти ҷамъиятии инсон паси сар кардааст» [8,с.60].

Тавре ки таҳлили адабиёти илмӣ ва худи ҳаёт нишон дод, меъёри иҷтимоӣ хеле тағйирёбанда аст.Он чизе, ки қаблан, агар ченак ҳисобида мешуд, ҳоло метавонад инҳироф бошад ва баръакс.

Доманаи тағйирот, хусусиятҳо ва фаъолияти он мустақиман ба тағйироти иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Ҳодисаҳои бӯҳронӣ, таҳвилҳои ногаҳонӣ, ки ба суқути меъёрҳои кӯҳна оварда мерасонанд, ба ташаккул ва рушди босуръати меъёрҳои нав ва мувофиқан афзоиши рафтори инҳирофӣ дар ҳама зуҳуроти гуногуни он оварда мерасонад [3,с.86].

Норозигӣ ва ё аз рӯи меъёрҳои қоидаҳои ҷамъиятии ва ахлоқ зиндагӣ карданро нахостан аксар вақт шахсро ба низоъҳои иҷтимоӣ мебарад. Ин ба хусусияти рафтори ӯ, ки аллакай дар он зуҳури хусусиятҳои инҳирофӣ вуҷуд дорад, таъсир мерасонад.

Пас, новобаста аз он ки табиати инҳироф чӣ гуна аст, мусбат ва ё манфӣ ин ба рушди устувори ҷомеа таҳдид мекунад ва суоле ба миён меояд, ки маънои мафҳуми "рафтори инҳирофӣ" чист? Бояд гуфт, ки ба омӯзиши масъалаи рафтори инҳирофӣ корҳо ва тадқиқотҳои бисёре бахшида шудаанд, мувофиқан таърифҳо низ зиёданд. Муаллифони зиёде ин истилоҳро гуногунанво ташреҳ кардаанд .

Мувофиқи таърифи муҳаққиқи рус Я.И. Гилинский, рафторе инҳирофӣ тавсиф карда мешавад, ки рафтору амалҳои инсон бар хилофи муқаррароти ташаккулёфтаи ахлоқ ва меъёри иҷтимоӣ бошад [7,с.28].

Академик В.Н.Кудрявтсев ва шогирдони ӯ рафтори инҳирофиро ҳамчун тафриқаи устувор аз меъёрҳои муқарраршудаи иҷтимоӣ ва риоя накардани онҳо муайян медонанд [13,с.86].

Ин таърифро С. А. Беличева низ дастгирӣ мекунад. С. А. Беличева таъкид мекунад, ки рафтори девиантӣ хусусияти харобиовар дорад ва таҳдиди иҷтимоикунонии наврасро ташкил медиҳад. Чунин рафтор хилофи меъёрҳои муқарраршудаи ҷамъиятӣ мебошад [13,с.86].

Ю.А. Клейберг меҳисобад, ки рафтори инҳирофӣ ин нишондиҳандаи тағйироти меъёрҳо ва талаботҳои иҷтимоӣ мебошад. Вай се гурӯҳи инҳирофро муайян кардааст: инҳироф манфӣ, инҳирофи мусбат ва иҷтимоӣ-холис [10,с.30].

Олимон С. П. Короленко ва Т. А. Донских, ихтилофоти рафторро ба 2 гурӯҳ тақсим мекунанд:

1. ғайристандартӣ;
2. харобиовар [12,с.68]

Ба назари мо варианти дуюм, варианти мукаммалтарини муайян кардани намудҳои инҳирофи рафтории шахс мебошад.

Бисёре аз олимон чунин мешуморанд, ки рафтори инҳирофӣ - рафтори каҷравӣ, аз роҳи рост баромадан мебошад, ки бар хилофи қоидаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии дар ҷомеа муқарраршуда танҳо дар марҳилаи муайян, дар сатҳи муосири рушд аст.

Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки рафтори инҳирофӣ ин системаи амалҳоест, ки ғайриқонунӣ ва хилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии ҷомеа мебошанд.

Манбаъҳои пайдоиши рафторҳои инҳирофӣ инҳоянд::

-бесаводӣ ва вуҷуд надоштани шуури ҳуқуқӣ;
- талаботи шахсият, муҳтавои олами ботинии вай;
- махсусиятҳои рафтори шахсият;
- номутаносибии дарки равонии иттилоот.

Е. В. Змановская дар девиантология каҷравӣ ё худ инҳирофро ҳамчун рафтори муқаррарнамудаи инсон меҳисобад. Шахсияте, ки қасдан аз меъёрҳои иҷтимоӣ канорагирӣ мекунад, метавонад ҳам ба ҷомеа ва ҳам ба худ зарари назаррас расонад, ки бо номутобиқатии иҷтимоӣ ифода мегардад [9,с.80].

Муҳаққиқ Я. И.Гилинский рафтори инҳирофиро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ муайян кардаст. Падидаи рафтори устувор, ки ба интизориҳо ва талаботҳои "расман муқарраршуда" дар ҷомеаи муайян мувофиқат намекунад [7,с.28].

Рафтори инҳирофии шахсият аз инҳо иборат аст:

-маҷмӯи амалҳое, ки ба қоидаҳои меъёрии ахлоқ мухолифат мекунад ва дар номувозинати рӯҳияи шахс зоҳир мешаванд;
- қобилияти мутобиқшавиро длоро набудан;
- номуташаккилии дарки аҳамияти худ;
- худдорӣ карда натавонистан ва саркашӣ аз назорати рафтори худ [15,с.20].

Дар маҷмӯъ, рафтори инсон ва ҷомеа наметавонад манбаи низоъ бошад. Шахсият ба шароити беруна ва тағйиротҳо мутобиқу мувофиқ шуда, худ низ тағйир меёбад. Аз тарафи дигар, омилҳои психологӣ наметавонанд ба равандҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ таъсир нарасонанд.

Амалҳо, ақида, фаъолият ва ниёзҳои шахсият ин инъикосгари шуури ҷамъиятӣ мебошад. Аз ин рӯ, ифодаи шуури ҷамъиятӣ дар шахсият дар шакли зиддияти кушоду равшан дар зуҳуроти гуногуни инфиродии соҳаи маънавӣ зоҳир мешавад [1,с.23].

Таҳлили адабиёти илмӣ - таълимӣ оид ба психология муайян кард, ки ихтилофоти рафторӣ, ки рафтори муайяни инҳирофӣ дорад, ба худи шахс таъсири харобиовар мерасонад ва ба нооромшавии худи ҷомеа оварда мерасонад. Бо расонидани зарар ба шахсият рафтори инҳирофӣ манбаи номувофиқатии иҷтимоии шахсият мебошад.

Рафтори инҳирофӣ ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам манфӣ дорад, ки ба натиҷаҳои зидду нақизи назорат оварда мерасонад, ба монанди:

- рафтори манфӣ сарфи назар карда мешавад ,
- рафтори мусбат бошад, баръакс, ҷонибдорӣ мегардад.

Ҳама гуна инҳироф хатарзо маҳсуб мешавад. Ва маҳз коре, ки ба рафъи зуҳуроти манфии рафтори девиантӣ нигаронида шудааст, дар мадди аввал гузошта мешавад.

Рафтори манфии девиантӣ ба якчанд намуд тақсим мешавад:

1) Рафторе, ки хилофи меъёрҳо ва ахлоқи иҷтимоӣ аст, яъне бадахлоқӣ;
2) Рафторе, ки хилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ аст, яъне рафтори девиантӣ ё худ инҳирофӣ;
3) Рафторе, ки марбут ба қонуншиканист, яъне рафтори ҷиноятӣ.

Рафтори девиантӣ, вобаста ба дараҷаи таъсири манфӣ чунин тасниф карда мешавад:

- аввалиндараҷа, вақте ки инҳирофҳо ночизанд ва ба шахс ё ҷомеа зарари зиёд намерасонанд. Чунин ихтилофҳо дар маҷмӯъ ба меъёрҳои фарҳангӣ мувофиқат мекунанд.
- дуюмдараҷа, вақте ки зарар ба шахсият ва ба ҷомеа бо сабабҳои инҳирофӣ зиёдтар аст.

Албатта, ин таснифот кофӣ нест, зеро аксар вақт як ҳолати зуҳуроти девиантӣ метавонад ҳам ибтидоӣ ва ҳам дуюмдараҷа тасниф карда шавад.

Таҳлили корҳои тадқиқотӣ нишон дод, ки як схемаи дигаре вуҷуд дорад, ки рафтори инҳирофиро аз рӯи хусусияти ҳадафҳо тасниф мекунад [5,с.13]:

1) Рафтор бо мақсадҳои нопок;
2) Рафтор бо мақсадҳои пархошгарӣ;
3) Рафтори зоҳидона, тарки мақсаднок аз ҷомеа.

Маъмултарин таснифоти назарияҳо инҳоянд:

1) биологӣ
2) назарияҳои сотсиологии рафтори девиантӣ;
3) психологӣ; [6,с.55].

Мувофиқи назарияҳои биологии рафтори девиантӣ, сабабҳои пайдоиши ихтилофҳо пеш аз ҳама ирсият ва майли физиологии шахс мебошад.

Олими хориҷӣ, психиатри итолиёвӣ, асосгузори самти антропологӣ дар криминология ва ҳуқуқи ҷиноятӣ Чезаре Ламброзо сабабҳои пайдоиши майли рафтори девиантӣ дар инсонро таҳқиқ карда, ба хулосае омад, ки яке аз омилҳои пешбари рушди инҳирофҳо омили ирсӣ-биологӣ мебошад.

Мутахассиси хориҷӣ Ю. Майер рафтори девиантиро омӯхта, онро ҳамчун майли ирсӣ муайян кард. Дар айни замон, муҳит метавонад танзимкунандаи зуҳуроти майли девиантӣ бошад, ки онро низ ба назарияи биологӣ нисбат додан мумкин аст.

Одамон, вобаста ба конститутсияи психофизиологии худ аз рӯи назарияи биологӣ се намуд доранд:

1) Навъи мезоморфӣ- чунин одамон хеле хашмгин ва ба зӯроварӣ майл доранд.
2) Эктоморфӣ- чунин одамон, ба истилоҳ "якка, танҳо" ба фаъолияти ақлонӣ майл доранд.
3) Эндоморфӣ- чунин одамон некназар ва хушмуомила мебошанд.

Назарияи эндокринӣ, ки зерназарияи биологӣ аст, чунин мешуморад, ки ноустувории эҳсосӣ, дар натиҷаи бемориҳои системаи эндокринӣ метавонад ба пайдоиши зуҳуроти рафтори девиантӣ, ки чандон паҳн нашудаанд, оварда расонад.

Таъсири омилҳои муҳити зистро низ набояд нодида гирифт, яъне, мавҷудияти танҳо таъсири беруна, шароити муайяни муҳити атроф метавонад ба майли биологӣ ба пайдоиши ихтилоли рафторӣ мусоидат кунад.

Бар асоси назарияҳои психологӣ танҳо бемориҳои психологӣ, ҷароҳатҳои психологӣ, худбаҳодиҳии паст ва комплекси нокифоятӣ заминаи тафриқаи девиантӣ мебошад [11,с.166].

Асоси таърифи фрейдӣ оид ба рафтори девиантӣ бошад аз он иборат аст, ки зуҳури ихтилофҳои дохилиро ҳамчун натиҷаи калавиш тавассути ғаризаҳои импулсӣ медонад.

Бо мақсади пешгирӣ кардани мунокиша, роҳ надодан ба он шахсият вокуниши муҳофизатиро таҳия мекунад, ки тавассути омилҳои зерин муайян карда мешавад:

- радкунӣ, ҷойивазкунӣ;
- инъикос;
- пасрафт;
- қабул накардан / рад кардан.

Вокуниши дифоӣ ё худ муҳофизатӣ дар сатҳи зершуур ба вуҷуд меояд ва аксар вақт ин амал иҷрошаванда аст. Вақте ки “маснуият”-и вокуниши муҳофизатӣ амал намекунад, яъне мунокишаи дохилиро бартараф карда наметавонад, ин боиси ихтилои равонӣ, вайроншавии асаб мешавад ва дар натиҷа рафтори инҳирофӣ ба вуҷуд меояд.

Тибқи назарияи Ф. Риман ихтилофоти рафторӣ аз анвои шахсият вобастагӣ дорад, ки ба тарсҳои инфиродӣ асос ёфтааст.

Мувофиқи назарияи Ф. Риман, 4 намуди тарс тасниф карда мешавад:

1) **Шизоидӣ.** Ба ин навъ одамоне дохил мешаванд, ки бо тарси худ мубориза намебаранд ва дар натиҷа кӯшиш мекунанд, ки ҳамеша дар канор бошанд, муносибатҳои наздик надошта бошанд, нақзи марзҳои шахсиро ҳамчун таҳдид ба мавҷудияти худ қабул мекунанд.
2) **Тарс аз танҳоӣ** як намуди афсурдагӣ аст. Аз сабаби хоҳиши писанд омадан ба шахси дигар, чунин шахсият аксар вақт манфиатҳои худро қурбон мекунад ва тарси аз даст доданро хеле эҳсос мекунад.
3) **Тарс аз тағйирот ва тарс аз тағйирнопазирӣ** ин навъи васвосӣ аст. Ин одамон аз васвоси тарс аз тағйирот, ноустуворӣ, ҳама чизҳое, ки ба тарзи ҳаёти маъмулии онҳо халал мерасонанд, бемор мешаванд. Эҳсоси доимии тарс ба васвос табдил меёбад. Тамоми ҳаёти худро бодиққат тарҳрезӣ ва ба нақша мегиранд ва дур шудан аз нақшаҳои тарҳрезишудаи зиндагиашон барои онҳо бо марг баробар аст ва ҳамеша амнияти худро чунин ашхос дар мадди аввал мегузоранд.

Тарсҳои гуногун инсонро дар тӯли тамоми ҳаёташ ҳамроҳӣ мекунад, аммо на ҳар як инсон қудрати паси сар кардани чунин тарсҳоро дорад. Аксар вақт яке аз тарсҳое бар инсон ғолибият пайдо мекунад, ки он коркард нашудааст ва ин навъи тарс навъ ва намуди шахсиятро муайян мекунад.

4) **Намуди истерикии шахс**ият - ин истерия пеш аз ногузирӣ, тарси маҳдуд кардани озодӣ аст. Ин гуна одамон бо тамоми қувва аз ҷавобгарӣ барои риояи меъёрҳо ва қоидаҳои тартиботи ҷамъиятӣ канорагирӣ мекунанд.

Ҳамчун шахсият инсон ҳанӯз аз овони кӯдакӣ ташаккул меёбад. Муносибатҳои иҷтимоӣ аз қабили муносибати модар-кӯдак, муҳит-кӯдак намуди шахсиятро ташаккул медиҳанд. Масалан, ҳифзи беш аз ҳад метавонад ба пайдоиши васвосият дар кӯдак, боис назари болонисбат бав худ мусоидат кунад ва баръакс камтаваҷҷӯҳӣ ва норасоии ғамхорӣ, набудани тамоси эҳсосӣ барои ташаккули шизофреник, яъне "намуди шизоидӣ" - и шахсият замина фароҳам меорад [14,С.61-64].

Вобаста аз хусусияти дарк аз ҷониби шахсият, тафсири ҳолатҳо мо метавонем ба рафтори шахс дар вазъияти мушаххас баҳо диҳем [14,с.62]. Ин таърифро тарафдорони муносибати гуманистӣ низ риоя мекунанд, алахусус қайд мекунанд, ки маҳз ақидаҳо, эътиқоди шахс метавонад ба рафтори ӯ таъсир расонад.

Баъзе олимони маъруф, ки намояндагони назарияи бихевиоризм мебошанд, рафторро ҳамчун маҷмӯи реаксияҳои устувор муаррифӣ мекунанд. Худи рафтори инсон аз ниёзҳо, ангезаҳо роҳнамоӣ мешавад. Худи рафтори ахлоқӣ ба таври хаттӣ, аз рӯи схема сурат мегирад: роҳнамоӣ ҳамчун вокуниши ҷавобӣ ва тағйирёбандаи миёна.

Инсон ҳамчун мавҷуди оқил ва дорои шуур ҳамеша ба мусбатнокӣ, яъне роҳнамоии мусбат талош мекунад. Дар раванди ташаккул ва рушди рафтор равандҳои эҳсосии дарк ва ҳавасмандкунӣ механизми асосӣ мебошад, ки ба тавлиди аксуламалҳои мушаххас, вокунишҳо ба роҳнамоиҳои мушаххас мусоидат мекунад, ки тағирёбандаҳои мобайниро муайян мекунад.

Чуноне ки назарияи бихевиористӣ муайян мекунад, каҷравӣ ё худ инҳироф ин натиҷаи аксуламалҳои мушаххас аст. Роҳнамоии мушаххас ҳамчун вокуниш ба ангезаҳои манфӣ асоснок мегардад.

Мутаносибан, ислоҳи рафтори инҳирофӣ танҳо бо бартараф кардани роҳнамоии манфӣ имконпазир аст, аммо, тавре ки таҷриба нишон медиҳад, мутаассифона, бартараф кардани ҳама роҳнамоиҳои манфӣ ғайриимкон аст.

Ҳамин тавр рафтори инҳирофӣ, ё худ берун аз доираи меъёр, ки сабаб ва омилҳои гуногун ба ин ҳолат оварда мерасонад бояд аз ҷониби ҳар омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ошкор карда шавад ва барои пешгирии он ҷораҷӯйӣ намояд ва инчунин бояд ба паҳншавӣ ва ташаккули рафтори девиантии кӯдакони ноболиғ диққати махсус дод, зеро ин гурӯҳи одамон аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир ва бемуҳофизат маҳсуб шуда, фишори ҷамъиятӣ, фишори мактаб, оила, дӯстон метавонад ба рафтори онҳо таъсир расонад ва дар навбати худ, инҳирофи рафторӣ барои ҳам худи ноболиғ ва ҳам атрофиёни ӯ оқибатҳои манфӣ дорад, аз ин рӯ, саривақт ошкор кардани инҳирофи рафтори наврасон ва пешгирии ангезаҳои экстремистӣ самти муҳими фаъолияти омӯзгорон мебошад.

Омӯзгор бояд ба хубӣ дарк намояд ва дар фаъолияти худ ба назар гирад, ки чораҷӯии саривақтии пешгирикунанда бо кӯдакони мунҳариф гарави субот дар ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, муваффақият ва самаранокии чораҳои пешгирикунанда барои кор бо кӯдакони инҳирофёта бевосита аз омӯзиши дақиқи сабабҳои инҳироф аз меъёри иҷтимоӣ вобаста аст.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Атаева, М.Дж. Особенности морально-правового воспитания студентов-девиантов в условиях трансформации нравственных ценностей таджикского народа/М.Дж.Атаева// Автореф. дисс.канд.пед.наук. - Душанбе: 2011. - 23с.
2. Бааль, Н. Б. Экстремистские молодёжные организации в современном мире/Н.Б.Бааль// История государства и права-2007.-№17.– С.26-45
3. Бааль, Н.Б. Феномен девиантного поведения в системе знаний о криминальном экстремизме молодёжи //Н.Б.Бааль/ Российский следователь. № 3. 2007. -86 с.
4. Бакаев, А.А.Система. Правосознание, правовая культура и правовое воспитание /А.А.Бакаев,В.Н.Баранов // Теория государства и права; под ред. В.К. Бабаева. - М.: Лань, 2003. - 70с.; С. 301-319.
5. Берковиц, Л. Агрессия: причины, 2002. профил…/Л. Берковиц, М.: Логос, 2004. - С.13-15.
6. Волоскова, Н. Н. Агрессия: основные проблемы и направления исследования. Учебное пособие. Ч. 1-2/Н.Н.Волоскова, Н. В.Козловская.- Ставрополь, 2006. - 55 с.
7. Гилинский, Я.И. Девиантология: социология преступности, наркотизма, проституции, самоубийств и других «отклонений». 2-е изд., испр. и доп. - СПб, 2007. - С.28.
8. Гилинский, Я.Н. Девиантность подростков: теория, методология, эмпирическая реальность / Я.Н. Гилинский. - СПб, 2001.
9. Змановская, Е.В Девиантология: учебное пособие / Е.В.Змановская. -М.: Академия, 2003.
10. Клейберт,Ю.А.Психология девиантного поведения/ Ю.А. Клейберт. - М.: Сфера, 2001. - 30с.
11. Кондрашенко, В.Т. Девиантное поведение у подростков: диагностика, профилактика, коррекция: учебное пособие / В.Т. Кондрашенко, С.А. Игумнов. - Минск: Аверсэв, 2004.
12. Короленко, Ц.П., Донских Т.А. Семь путей к катастрофе: Деструктивное поведение в современном мире/Ц.П.Короленко,Т.А. Донских. - Новосибирск, 1990. - 68 с.
13. Кудрявцев, В.Н. Правовое поведение: Норма и патология / В.Н. Кудрявцев. - М., 1982. - 86 с.
14. Менделевич, В. Д. Психология девиантного поведения: учебное пособие / В.Д. Менделевич. - СПб., 2005. - С.61-64.
15. Усмонов, О. К проблеме о субъектах гражданского права Республики Таджикистан/О. Усмонов, // Гос-во и право. Д., 2000. - №4. - С.20-32.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Москва, 1969.-1ч.- С.739.


**REFERENCES:**


1. Atayeva, M.D. Features of moral and legal education of deviant students in the context of the transformation of moral values of the Tajik people / M.D. Atayeva // Synopsis of candidate dissertation in pedagogy. - Dushanbe: 2011. - 23 p.
2. Baal, N.B. Extremist youth organizations in the modern world / N.B. Baal // The history of the state and law-2007.-№17.– P.26-45
3. Baal, N.B. The phenomenon of deviant behavior in the system of knowledge about criminal extremism of youth // N.B. Baal / Russian investigator. №3. 2007. -86 p.
4. Bakaev, A.A. System. Legal consciousness, legal culture and legal education /A.A.Bakaev, V.N.Baranov // Theory of state and law; edited by V.K. Babaev. - M.: Lan, 2003. - 70 p.; P. 301-319.

5. Berkovits, L. Aggression: reasons, 2002. profile ... / L. Berkovits, M.: Logos, 2004. - P. 13-15.
6. Voloskova, N. N. Aggression: main problems and directions of research. Textbook. Part 1-2 / N.N.Voloskova, N.V.Kozlovskaya. - Stavropol, 2006. - 55 p.
7. Gilinsky, Ya.I. Deviantology: sociology of crime, drug addiction, prostitution, suicide and other "deviations". 2nd ed., corrected and enlarged. - St. Petersburg, 2007. – P.28.
8. Gilinsky, Ya.N. Adolescent deviance: theory, methodology, empirical reality / Ya.N. Gilinsky. - St. Petersburg, 2001.
9. Zmanovskaya, E.V. Deviantology: a tutorial / E.V.Zmanovskaya. - Moscow: Academy, 2003.
10. Kleibert, Yu.A. Psychology of deviant behavior / Yu.A. Kleibert. - Moscow: Sphere, 2001. - 30 p.
11. Kondrashenko, V.T. Deviant behavior in adolescents: diagnostics, prevention, correction: a tutorial / V.T. Kondrashenko, S.A. Igumnov. - Minsk: Aversev, 2004.
12. Korolenko, CP, Donskikh TA Seven paths to disaster: Destructive behavior in the modern world / CP Korolenko, TA Donskikh. - Novosibirsk, 1990. - 68 p.
13. Kudryavtsev, VN Legal behavior: Norm and pathology / VN Kudryavtsev. - M., 1982. - 86 p.
14. Mendelevich, VD Psychology of deviant behavior: a textbook / VD Mendelevich. - St. Petersburg, 2005. - P.61-64.
15. Usmonov, O. On the problem of subjects of civil law of the Republic of Tajikistan / O. Usmonov, // State and Law. D., 2000. - №4. - P.20-32.
16. Tajik language culture. Moscow, 1969. V.1.- P.739